**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи номзадии Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2024. – 195 с.**

Боиси хушнудист, ки дар солҳои охир пажуҳишҳое анҷом ёфтанд, ки воқеан мубрам мебошанд. Дар ин пажуҳишҳо шоирони мумтозе, ки бо сабабҳои гуногун ношинохта монда буданд, муаррифӣ гардиданд ва саҳми онҳо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ мушаххас карда шудааст. Таҳқиқи рӯзгор ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ аз шумори чунин таҳқиқоти муҳим аст.

Имрӯз қадами устувор дар шинохти Ҳумоми Табрезӣ гузошта шуд ва боварии комил дорем, ки дар оянда паҳлуҳои дигари ҳаёт ва эҷодиёти ӯ мавриди пажуҳиши адабиётшиносон қарор мегиранд, зеро Ҳумом яке аз шоирони маъруфи ғазалсарои асри XIII ба ҳисоб рафта, дар инкишофи жанри ғазал дар адабиёти форсии тоҷикӣ саҳми арзандае гузоштааст. Ғазалиёти ӯ аз шумори беҳтарин намунаҳои назмӣ ирфонию ахлоқии адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мегарданд.

Тавре ишора шуд, Ҳумоми Табрезӣ аз шоирони ғазалсарои адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри XIII мебошад. Ӯ ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ шеър эҷод кардааст. Тибқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо, муламмаоте ба забони форсӣ ва лаҳҷаи озарбойҷонӣ ё табрезӣ низ дорад. Ҳумом дар сурудани жанри ғиноии ғазал, аслан пайрави Саъдии Шерозӣ аст, аммо шеваи маъниофарӣ ва ибтикороти ӯ дар шаклу маънои ғазали форсии тоҷикӣ хуб ба мушоҳида мерасад. Муаллифи таҳқиқоти баррасишаванда муайян кардааст, ки таъсири ашъори Ҳумом ба шоирони бузурги пасин ҳам ба мушоҳида мерасад. Албатта, ин аз истеъдоди волои шоир дарак медиҳад. Ӯ менависад, ки “Мушоҳидаҳои мо маълум мекунад, ки шоирони ғазалсарои баъд аз Ҳумом ба майдони эҷодомада, аз қабили Сайфи Фарғонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Камоли Хуҷандӣ, Салмони Соваҷӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон низ ба ашъори ӯ ҳусни алоқа доштаанд ва ғазалҳои ӯро истиқбол кардаанд” (диссертатсия, с. 36). Ба таъкиди диссертант аз миёни шоирони номбурда шефтагии Ҳофизи Шерозӣ ба ашъори Ҳумом зиёдтар будааст. Ӯ менигорад, ки “Ҳофиз ба ғазалҳои Ҳумом бештар назар дошта, тавре Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ дар китоби «Оинаи Ҳофиз ва Ҳофизи оинаҳо» зикр кардааст, ӯ дар сурудани 15 ғазалаш аз Ҳумом истиқбол кардааст” (диссертатсия, с. 37). Ба назари мо, яке аз масъалаҳои муҳим ва ҷолиби диққати таҳқиқот ҳамин бахш аст, зеро таваҷҷуҳи шоире ба эҷоди ин ё он шоири гузашта аз махсусияти шеъраш шаҳодат медиҳад. Истиқболи шоирони

зикршуда аз ашъори Ҳумом аз табъи баланди шоирии ӯ дарак медиҳад. Аз ин ҷиҳат низ, таҳқиқоти мазкур муҳим ва арзишманд маҳсуб мегардад.

Дар Тоҷикистон таҳқиқи рӯзгору эҷодиёти шоир аз мадди назари муҳаққиқон дур монда, ба ҷуз аз ишораҳои кутоҳи дар китобҳои таърихи адабиёт ҷойдошта ва мақолаҳои хурди энсиклопедӣ, иттилооти мукаммал дар хусуси шоири мавриди назари диссертант мавҷуд нест. Муҳаққиқони тоҷик Аълохон Афсаҳзод, Ансор Афсаҳов ва Умринисо Казакова дар дохили фаслу бобҳои осори таҳқиқии хеш дар мавридҳои гуногун, ҷо-ҷо аз Ҳумоми Табрезӣ ҳамчун шоири ғазалсаро ном бурдаанд.

Дар диссертатсияи номзадии Фатулоҷони Умарзода – «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» масъалаҳои марбут ба ҳаёту эҷодиёти Ҳумоми Табрезӣ, таснифи жанрии назми шоир, мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеӣ, маъниофарии шоир дар қолаби ғазал, тавсифи нусхаҳои девони шоир, ҷанбаҳои мусиқоӣ, ҷанбаҳои шаклиии ғазалиёт ва ғайра таҳқиқ шудаанд..

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода, пеш аз ҳама, дар он инъикос меёбад, ки бори аввал Ҳумоми Табрезӣ ва эҷодиёти ӯ ба ҷомеаи илмии Тоҷикистон муаррифӣ мешавад. То ин замон дар бораи Ҳумоми Табрезӣ ва таъйини саҳми ӯ дар рушду такомули суннати ғазалсароӣ дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва алоҳида анҷом наёфтааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд.

Диссертант Фатулоҷони Умарзода дуруст қайд кардаанд, ки «то ҳамаи ғазалсароёни давраи классикии адабиётамон ва, махсусан, ҳамасрони Ҳумом ва ашъори онҳо пурра омӯхтаву таҳқиқ карда нашавад, дар бораи ташаккулу пешрафти ғазали классикии форсу тоҷик ба таври қатъӣ мулоҳиза рондан имконнопазир мебошад» (диссертатсия, с. 4).

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он дида мешавад, ки бори аввал зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ таҳқиқ гардида, ҳамчунин, ба масоили сохтории ғазалҳои шоир, зиндагинома, ҷанбаҳои мусиқоӣ, маъниофарии шоир ва таснифи жанрии девони ӯ руҷуъ шудааст Дар диссертатсия таҳқиқи ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ аз нигоҳи шаклу мазмун, анъана ва навоварӣ, таассуроту таъсироти шоир ва мухтассоти бадеӣ ба таври комил таҳқиқ шудаанд. Дар воқеъ то ба имруз ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашуда буд. Нахустин бор зиндагинома ва осори ӯ, хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёташ дар ин таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Агар ба таърихи омӯзиши мавзуи мазкур дар Тоҷикистон

мурочиат шавад, воқеан то ҳол таҳқиқоте доир ба зиндагинома ва ғазалиёти ӯ рӯйи кор наомадааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқ муайяну собит шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муҳаққиқ дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун, махсусан, ҷиҳатҳои шаклии ғазал дар таърихи адабиёти классикии тоҷик ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маълумоти назарии илмӣ ёрӣ мерасонад. Диссертатсия аввалин пажуҳиш доир ба ҳаёт ва осори Ҳумоми Табрезӣ буда, дар он қариб ҳамаи маъхазҳо, хусусан, тазкираву баёзҳо, ки дар бораи шоир иттилоъ додаанд, зикр гардидаанд. Илова бар ин, доир ба нусхаҳои каламии китобҳои шоир, ки дар китобхонаҳои хориҷ аз кишвар маҳфузанд, маълумот дода шудааст. Аз ин рӯ, он ҳамчун пажуҳиши аввалин барои таҳқиқоти баъдии рӯзгору осори шоир ва сабки шеъри ӯ заминаи хубест.

Фатулоҷони Умарзода доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯ 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмунҳои куллии диссертатсияро таҷассум карда, саҳми шахсии муаллифро бозгӯ мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, дувоздаҳ фасл, ду зерфасл, хулоса, китобнома ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои ţаҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар ҳар боб ва зерфасли диссертатсия равиши илмии таҳқиқ, дуруст ва тибқи талабот нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои дуруст ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду

вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён шудаанд.

Дар диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода мақсаду вазифаҳои мушаххаси илмӣ пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки ҳақиқатан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту пажуҳиши рӯзгору осори Ҳумоми Табрезӣ аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия – «Зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ» аз ду фаслу ду зерфасл иборат буда, муаллиф дар фасли якуми он дар такя ба маълумоти шарҳиҳолии мавҷуд дар девони шоир, маълумоти сарчашмаҳо ва осори таҳқиқии муосир шарҳи ҳоли илмии шоирро муфассал ва бо далелҳои мустанади илмӣ овардааст. Муаллиф пас аз таҳқиқу натиҷагириҳо, муқоисаи сарчашмаҳо ба хулосае меояд, ки Ҳумом соли 714 ҳиҷрии қамарӣ, баробар ба соли 1314 мелодӣ дар сини 78 солагӣ дар Табрез вафот кардааст.

Фасли дувуми боби якуми диссертатсия «Мероси адабии шоир» унвон дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Муаллиф дар зерфасли аввали ин фасл дар хусуси нусхаҳои хаттӣ ва чопии девони Ҳумоми Табрезӣ баҳс карда, дақиқ намудааст, ки нусхаҳои девони шоир дар Китобхонаи миллии Порис, Китобхонаи Донишгоҳи Панҷоби Лоҳур, Китобхонаи Лоло Исмоили Туркия, Китобхонаи мадрасаи олии Сипаҳсолор, Музейи Бритониё, Китобхонаи Малики Эрон маҳфузанд ва муҳаққиқони Эрон – Муайяди Собитӣ ва Рашиди Айвазӣ дар такя бар онҳо девони шоирро чопи замонавӣ кардаанд. Ин фасл барои муҳаққиқони баъдӣ иттилоти муфидеро пешниҳод менамояд.

Зерфасли дувуми фасли дувуми боби якуми диссертатсия «Таснифоти жанрии ашъори Ҳумоми Табрезӣ» унвон дорад ва муҳаққиқ дар он дар хусуси таркиби жанрии девон баҳс карда, муайяну дақиқ кардааст, ки Ҳумом гарчанде дар ҳамаи навъҳои суннатии адабӣ табъ озмудааст, аммо аслан шоири ғазалсарост. Дар ин фасл гарчанде, ки ҳамаи жанрҳои девони шоир таснифу баррасӣ шудаанд, аммо маълум мегардад, ки таваҷҷуҳи диссертант бештар ба ғазалҳои шоир равона шудааст, ки албатта дуруст ҳам ҳаст, зеро шоир дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ҳамчун шоири ғазалсаро маъруф аст.

Боби дувуми диссертатсия «Мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ» унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар ин боб муҳаққиқ масоилеро, амсоли шеваҳои офариниши маънӣ дар қолаби ғазал, ишқ дар ғазалиёти шоир, мазомини мадҳӣ дар ғазалҳои шоир ва афкори дидактикию андарзии шоирро ба риштаи таҳқиқ кашида, саҳми шоирро дар офариниши маъонӣ, мазмунсозӣ, ривоҷи масоили дидактикию ахлоқӣ ва мадеҳасароӣ дар қолаби ғазал мушаххас кардааст.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ» унвон дошта, аз панҷ фасл иборат аст. Фасли аввали боби севум «Устухонбандӣ» ном дошта, муҳаққиқ дар он чунин таъкид кардааст: «Дар адабиётшиносӣ то ҳол поэтикаи ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Омӯзиши ҷиҳатҳои шаклии ғазалҳои шоир, аз қабили теъдоди абёт, ҷойи тахаллус, сохтор, вазн, қофия, радиф, саноеъи бадеӣ ва ғайра бори аввал дар диссертатсияи мо таҳқиқ мешавад» (диссертатсия. с. 90). Дар ин фасли диссертатсия ғазалҳои шоир аз ҷиҳати сохтори бадеӣ ба доираи таҳқиқ кашида шудаанд ва муҳаққиқ маълум кардааст, ки навъи ғазали мусалсал нисбати дигар анвои шакли ғазал дар эҷодиёти шоир бештар ба кор рафтааст.

Дар фасли дувуми боби севуми диссертатсия ҷанбаҳои мусиқоии ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ таҳқиқ шудаанд ва муҳаққиқ дар ин фасл бештар ба мусиқии дарунии ғазалҳои шоир таваҷҷуҳ карда, саноеъи лафзии мусиқизоеро, аз қабили, ҷинос, такрор, эънот, ҳоҷиб, қофияи бадеӣ, раддуссадр, раддулаҷуз, татриз, тардид мувозана, воҷороӣ ё нағмоти ҳуруф ва ғайраро овардааст. Инчунин, дар ин бахш дигар санъатҳои маънавиро, ки ҷиҳатҳои маъноии шеърро таъмин мекунанд, таҳқиқ гардиданд.

Фасли севуми боби севуми диссертатсия ба авзони ғазалҳои шоир бахшида шуда, диссертант ҳамаи авзони ғазалҳои шоирро бароварда, аз ҷиҳати басомад дақиқ кардааст ва ба натиҷае расидааст, ки баҳри рамал ва авзони он дар ғазалҳои шоир бештар ба кор рафтааст.

Фасли чаҳоруми боби севуми кор «Қофия ва радиф» унвон дорад ва диссертант тамоми анвои қофияи истифодакардаи шоирро муайян карда, бо мисолҳо тавзеҳ додааст. Дар ин фасл гузашта аз маълумоти илмӣ дар хусуси қофияҳои истифодакардаи шоир, ҳамчунин, доир ба ҷанбаҳои мусиқизо ва ҳунарии қофияву радиф низ маълумоти назарии хубе ироа кардааст.

Дар фасли панҷуми боби севуми диссертатсия ороyaҳои бадеии ғазалҳои Ҳумоми Табрезӣ таҳқиқ шудаанд. Тавре диссертант зикр кардааст, Ҳумоми Табрезӣ дар ғазалҳояш аз навъҳои гуногуни ороyaҳо ва ҳунарсозаҳои бадеӣ истифода кардааст, ки ин аз истеъдод ва маҳорати ғазалсароии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ҳумом тавассути кор гирифтан аз саноеъи гуногуни бадеӣ сухани

хешро муассиру ҷаззоб адо кардааст. Истифодаи касир ва бамаврид аз ташбеҳу истиора, маҷоз, тавсифу тазодду муқобала, суолу ҷавоб, талмеҳ, иҳом ва дигар санъатҳои маънавии бадеӣ дар ғазалҳои шоир далел бар он аст, ки ӯ аз мактаби бузурги ғазалсароёни пеш аз худ хуб огоҳ будааст ва баъзе ташбеҳоту истиороти шуарои пешинро пазируфтааст.

Хулосаи диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти диссертант оварда шудааст.

Дар баробари ноил шудан ба муваффақиятҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои дақиқ, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои илмии баъдии муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар баъзе ҷоҳои диссертатсия ному насаби олимону донишмандони ҳам классикӣ ва ҳам муосир духура навишта шудаанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ҳусни корро меафзояд;
2. Дар адабиёти рақамҳои 78, 81, 82, 111 талаботи библиографӣ риоя нагардидааст ва агар дар оянда ба ӯн таваҷҷуҳ шавад, ба фоида кор мебошад;
3. Дар диссертатсия, ҳамчунин, ғалатҳои дигари имлоӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Чунончи, дар сафҳаи 15 калимаи «иттилоъи» оварда шудааст, ки тибқи имлои кунунӣ аломати сакта (ъ) дар байни ду садонок навишта намешавад ва бояд дар шакли «иттилои» оварда мешуд.
4. Диссертатсия ғалатҳои услубӣ дорад. Масалан, дар сафҳаи 26-ум дар ҷумлаи «Шояд иллати аслии вазъ гардидани чунин ҳикояти боло дар он бошад, ки таъсири Саъдӣ дар Ҳумом аз ҳар шоири дигар зиёд аст». Дар ҷумлаи боло калимаи «чунин» барзиёд ба кор рафтааст.
5. Дар таҳқиқот ғалатҳои техникӣ низ ҷой доранд. Масалан, дар саҳифаи 39 калимаи “Ҳаваси” “Ҳавси”, дар саҳифаи 41 “Салмони Соваҷӣ” ба шакли “Сомони Соваҷӣ” ва дар ҳамин саҳифа “Ҳумомро” ба шакли “Ҳумоморо”, дар саҳифаи 193 калимаи “Илмҳои”, “Илмю” навишта шудааст.

Аммо, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати илмии диссертатсияро кам намекунанд, чун таҳқиқот баанҷомрасида, фарогир ва дорои аҳаммияти баланди илмӣ аст. Ба андешаи мо, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмии таҳқиқоти Фатулоҷони Умарзода мусоадат хоҳанд кард.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқ нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Тарбезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, муовини
директори Муассисаи давлатии
«Хонаи китоби Тоҷикистон» - и Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Баёнов М.Б.
8 январи соли 2024.

Суроға: 734061 ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ,
кӯчаи Фирдавсӣ 5/17.
Тел.: (+992) 918268092, Факс: (+992837) 2337381
E-mail: bayoni@mail.ru

Имзои М.Б. Баёновро тасдиқ менамоям:
директори Муассисаи давлатии
«Хонаи китоби Тоҷикистон» - и Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
8 январи соли 2024. Нодирзода С. С.

Суроға: 734061 ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев 17.
Тел.: (+992) 988808687, Факс: (+992837) 2334143
E-mail: info@kh.tj